بسم الله الرحمن الرحيم

# Зиёрати ҳазрати Ризо(а) аз дидгоҳи аҳли суннат

Муҳаммадмуҳсини Табасӣ

Табасӣ, Муҳаммадмуҳсин,1360- .    Tabasi, Mohammad Muhsin
زیارت حضرت رضا علیه السلام از دیدگاه اهل سنت، تاجیکی،
Зиёрати ҳазрати Ризо (а) аз дидгоҳи аҳли суннат
Муҳаммадмуҳсини Табасӣ; Амини Тоҷик.
Машҳад: Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, 2013=1392.
80 р.
ISBN: 978-964-971-637-4
Алӣ ибни Мӯсо(а), имоми ҳаштум, 153 ? - 202 қ . Аҳодиси аҳли суннат.
Зиёрат -- Аҳодиси аҳли суннат.
Тоҷик, Амин, Мутарҷим.
Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ.
BP 47/ 2 / ط 2 ز 90495294 1392    297/957
Китобхонаи миллии ҷумҳурии исломии Ирон    3162673

# Зиёрати ҳазрати Ризо (а) аз дидгоҳи аҳли суннат

## Муҳаммадмуҳсини Табасӣ

## Тарҷумаи Амини Тоҷик

## Виросторӣ адабӣ ва татбиқии Ризо Нақдӣ

Чопи аввал: 1392/2013, 1000 нусха, руқъӣ, қимат 20000 риёл.

Чоп ва саҳҳофӣ: Муассисаи чоп ва интишороти остони қудси разавӣ.

Бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, Машҳад: сандуқи пустӣ 91735-366.

Марокизи тавзеъ:

Телефон ва дурнигори воҳиди фурӯши бунёди пажӯҳишҳои исломӣ: 2230803

Фурӯшгоҳҳои китоби бунёди пажӯҳишҳои исломӣ, Машҳад: 2233923, Қум: 7733029.

www.islamic-rf.ir    info@islamic-rf.ir

Ҳаққи чоп маҳфуз аст

# Феҳристи матолиб

Сухани оғозин........................................................ 11

## Фасли аввал: Фазилати зиёрат / 15

**Фазилати зиёрат**................................................ 17
Дар нигоҳи паёмбари аъзам (с) .............................. 18
Дар нигоҳи имом Козим (а)..................................... 20
Дар нигоҳи имом Ризо (а)........................................ 21
Дар нигоҳи имом Ҷавод .......................................... 25
Дар нигоҳи имом Ҳодӣ (а)....................................... 25

## Фасли дуввум: Зиёрати аҳли суннат / 27

**Зиёрати аҳли суннат** ........................................... 29
Қарни чаҳорум:........................................................ 30
Қарни панҷум: ......................................................... 35

Қарни ҳаштум:.......................................................... 44
Қарни нуҳум: .......................................................... 46
Қарни даҳум:.......................................................... 47
Қарни ёздаҳум: ...................................................... 57
Қарни чаҳордаҳум: ................................................. 57

**Фасли саввум: Остони ҳазрат (а) / 59**

Остони ҳазрат (а) .................................................. 60
Қарни саввум ва чаҳорум:........................................ 61
Қарни ҳаштум:.......................................................... 62
Қарни чаҳордаҳум: ................................................. 64

**Сухани поёнӣ ............................................ 65**

**Китобнома / 73**

Ҳанбалӣ..................................................................... 73
Ҳанафӣ ..................................................................... 74
Шофеӣ....................................................................... 75
Соир.......................................................................... 79

## Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

Ҳазрати имом Ризо (а) ҳаштумин раҳбар ва пешвои шиъаён аз фарзандони расули худо (с) воситаи файзи олам, маъдани калимоти парвардигор, сандуқи анвори илоҳӣ ва хазинаи илми худованд ва бандаи солеҳ ва шоистаи худост. Вай шахсияте аст, ки душманаш Маъмун дар бораи ӯ гуфт: «**Ҳеҷ касро дар рӯи замин донотар аз ҳазрати Ризо (а) намедонам**».

Фариди Ваҷдӣ дар доиратулмаорифи худ зайли калимаи Ризо (а) мегӯяд: «**Маъмун сию се ҳазор нафар аз бузургони тавоиф (тоифаҳо) ва фирқаҳои мухталифро ҷамъ кард ва аз онон хост, ки лоиқтарин афродро аз миёни худ интихоб кунанд, то вилоятаҳдиро ба ӯ вогузор**

**намояд. Ҳамаи он сиву се ҳазор нафар бар Алӣ ибни Мусарризо (а) иттифоқ намуданд**».

Ҳазрат ҳангоми эҳдои абояш ба Деъбели Хузоъӣ (шоири маъруф) ҷумлае фармуд, ки аз он иборот авҷи бандагии ҳазрат мушаххас мешавад. Фармуд: «**Қадри онро бидон, ки дар ин або ҳазор шаб ва ҳар шабе ҳазор ракаъат намоз хонда шудааст**».

Ҳазрат дар даврони ҳаёти пурифтирхораш улгу ва усваи тақво ва ибодат ва малҷаъ ва марҷаъи мусалмонон дар ҳалли мушкилоти илмӣ, динӣ ва дунёӣ ва маншаи баракоти моддӣ ва маънавӣ барои ҷомеаи исломӣ будааст ва ин баракот бо шаҳодати ҳазрат натанҳо қатъ нагардид, балки мусалмонон ба пайравӣ аз уламои хеш бо зиёрати қабри шарифи он ҳазрат ва тавассул ба он имоми ҳумом ва тарҳи масоил ва мушкилоти илмӣ, талаби шифои мариз ва дархости фарзанд ва … пайваста иртиботи маънавии хешро бо он абди солеҳи парвардигор мустаҳкамтар намуда ва бо тамассук (чанг

задан) ба руҳи баланди он ҳазрат мисдоқи «**ваб тағу илайҳил васила**»-ро айният бахшида ва батлон ва пучӣ ва ҷаълӣ будани тафаккуроти ваҳҳобият шаҳодат додаанд.

Китоби ҳозир, ки бо номи «**Зиёрати ҳазрати имом Ризо (а) аз дидгоҳи аҳли суннат**» музайян ба зинати табъ гардидааст, дар садади он аст, ки гӯшае аз ибрози иродати бешумори уламо ва мардуми аҳли суннатро ба он имоми ҳумом пас аз шаҳодати он бузургвор тақдими хонандагони азиз намоянд ва дар ин росто ба манобеъи муътабари аҳли суннат такя карда ва аз он манобеъ баҳра бурдааст.

Нигорандаи муҳтарами ин китоб ҷаноби ҳуҷҷатул ислом валмуслимин оқои Муҳаммад Муҳсини Табасӣ аз фозилон ва муҳаққиқони муҳтарами ҳавза ва аз асотид ва пажуҳишгарони маркази тахассусии тарбияти муҳаққиқи мазоҳиби исломӣ аст, ки дар соли 1383 ба дастури марҷаъи азимушшаън оятуллоҳулузмо Фозили Ланкаронӣ ва мақсади дифоъ аз ислом

нοби муҳаммадӣ ва табйини (баёни) ҳақоиқи исломӣ ва тарбияти муҳаққиқи мазоҳиби исломӣ ва посухгӯӣ ба шубаҳот таъсис гардид, ки ҷамъе аз туллоби (талабаҳои) нухбаи ҳавзаи илмияи Қум зери назари донишманди фарҳехта, муҳаққиқи хабир, ошиқ ва иродатманди аҳли байти исмат ва таҳорат (а) устоди аллома Ҳоҷӣ Шайх Наҷмуддини Табасӣ дар заминаи масоили мавриди баҳс ва гуфтугӯ байни мазоҳиби исломӣ ба сурати татбиқӣ ба пажуҳиш ва таҳқиқ машғул ҳастанд, ки пас аз иртиҳоли он марҷаъи бузург бо иноят ва ҳимояти вижаи фарзанди бузургвор ва халафи солеҳашон ҳазрати оятуллоҳ оқои Ҳоҷӣ Шайх Муҳаммадҷавод Фозили Ланкаронӣ ба фаъолияти илмии хеш идома медиҳанд ва то кунун пажуҳишҳои арзишманде аз онон ба сурати мақола ё китоб ба чоп расидааст.

Дар поён вазифаи худ медонам, ки зимни ташаккур аз ҳимоятҳои он ҳазрат аз ҳазрати

устод аллома Табасӣ ва нигорандаи мӯҳтарам ва шӯрои пажуҳишии маркази тахассусии тарбияти муҳаққиқи мазоҳиби исломӣ тақдир ва ташаккур намоям. Умедворам машмули иноёти арбобамон ҳазрати Ҳуҷҷат ибнил Ҳасанил Аскарӣ (а) қарор гирем.

Худовандо! Бунёнгузори Ҷумҳурии Исломӣ имом Хумайнӣ (р) ва шогирди бузургвораш ҳазрати оятуллоҳул узмо Фозили Ланкарониро ҳамнишини ҳазрати Алӣ ибни Мусарризо (а) қарор бидеҳ. Омин ё Раббалоламин!

**Ҳусайни Ҳабибтабор**
**Мудири маркази тахассусии тарбияти муҳаққиқи мазоҳиби исломӣ**

## Сухани оғозин

Имом Ризо (а) фарзанди расули худо, яке аз бандагони солеҳи худо ва имоми ҳаштуми шиъаён, ки остони муқаддаси он ҳазрат аз садаи саввуми ҳиҷрии қамарӣ то кунун мавриди таваҷҷуҳи хос ва омми уммати исломӣ ба вижа аҳли суннат қарор гирифта ва тамомии муслимин аз нуқоти дур ва наздик бо ҳар фирқа ва мазҳабе, ки доранд ба зиёрат ва побусии остони он ҳазрат шитофтанд ва бо зиёрат ва тавассули ба он ҳазрат ва талаби шифои маризӣ ва рафъи гирифториҳо ва табаррук ҷустан ба марқади эшон бар суннат будани ингуна аъмол таъкид карда ва хатти батлоне бар таваҳҳумоти беасоси бидъати ваҳҳобият ва салафиҳо

кашиданд.

Бо зуҳури тафаккуроти бидъатомез ва фатовои (фатвоҳои) хунини Ибни Тайимия ва густариши он тавассути Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб иттиҳоди муслимин ба мухотира афтод ва ин гурӯҳаки ҷаълӣ бо пайравӣ аз аслофи хеш шаҷараи малъунаи бани Умайя бо такфир ҳалол донистани хуни аксари мусалмонон саъй дар эҷоди шикоф ва рахна ва фитнагарӣ байни муслимин доштаанд ва аксари мусалмононро, ки ба зиёрати қубури (қабрҳои) анбиё ва солиҳон мерафтанд ва ба онҳо мутавассил мешуданд ва ё ба қабри онҳо табаррук меҷустандро «**қабриюн**» ва «**ҳаҷариюн**» номиданд ва бо такфирашон худро муваҳҳиди ҳақиқӣ муаррифӣ мекарданд! Дар ҳоле, ки **зиёрат**, **тавассул**, **истиғоса** (талаби кумак кардан) ва **талаби рафъи ҳавоиҷ** (ҳоҷатҳо) ва **табаррук** ба қубури (қабрҳои) анбиё ва солиҳон аз боварҳои ростин ва суннатҳои дерини уммати исломӣ аст, ки реша

дар оёти қуръонӣ ва ривоёти саҳеҳи набавӣ дорад ва қавлу маниши саҳоба ва тобеъин ва сираи муслимин бар он устувор аст.

Бо вуҷуди ихтилофи назарҳои мавҷуд байни фирқаҳо ва мазҳабҳои исломӣ, ки амре табиӣ аст, зиёрат ва тавассул ва соири вожаҳои ёдшударо метавон аз масоили мавриди иттифоқи байни уммати исломӣ донист, ки гузоришҳо ва нусуси (далелҳои қатъӣ) таърихӣ гувоҳ бар ин муддаост. Ин нуқоти муштараки байни муслиминро метавон яке аз меҳварҳои як зиндагии мусолиматомез ва ба дур аз таниш байни фирқаҳо ва мазҳабҳои исломӣ донист.

Китоби ҳозир маҷмуъае кӯтоҳ, аммо гӯё аз гузоришҳои таърихӣ дар бораи уламои аҳли суннат ва пайравони онҳо ва тавассулот ва талаби рафъи ҳоҷатҳо … аз имом Ризо (а) бар асоси манобеъи муътабари аҳли суннат аст, ки дар се фасл: Фазилати зиёрат, Зиёрати аҳли суннат ва Остони ҳазрат (а) дар радди таваҳҳумоти беасоси фирқаи ваҳҳобият дар

бораи ҳурмати (ҳаром будани) зиёрат ва тавассул, такфир (кофир донистан) ҳалол донистани хуни зоирон ва мутавассилон ва тақвияти иттиҳоди беш аз пеши муслимин сомон ёфтааст ва бо номи «**Зиёрати ҳазрати Ризо (а) аз дидгоҳи аҳли суннат**» ироа шудааст.

**Муҳаммадмуҳсини Табасӣ**

# Фасли аввал

# Фазилати зиёрат

## Фазилати зиёрат

Зиёрати марқади шарифи имом Ризо (а) ва инъикоси он дар ривоёти паёмбари гиромии ислом (с) ва аҳли байт (а) ва таъкид ва супориши маъсумон (а) дар мавриди зиёрати имом Ризо (а) дар китобҳои аҳли суннат ҳокӣ (ҳикояткунанда) аз аҳамият ва ҷойгоҳи вижаи он ҳазрат буда ва суннат будани зиёрати марқади поки вайро ба вузуҳ намудор месозад, ки мутаассифона ин ривоёт мағфул (дар ғафлат) воқеъ шудааст.

Дар ин фасл ёздаҳ ривоят дар фазилати зиёрати қабри имом Ризо (а) аз забони паёмбари аъзам (а), имом Козим (а), имом Ризо (а), имом Ҷавод (а) ва имом Ҳодӣ (а) дар

манобеъи муътабари аҳли суннат ворид шудааст, ки ба он ишора мешавад:

## Дар нигоҳи паёмбари аъзам (с)

1. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ аз имом Ризо (а) ривоят кардааст:

Аз имом Ризо (а) ривоят шудааст, ки паёмбар (с) фармуд: Порае аз тани ман дар Хуросон мадфун хоҳад гашт, ҳар гирифторе вайро зиёрат кунад худованд гирифториашро бартараф мекунад ва ҳар гуна коре ӯро зиёрат кунад худои мутаол гуноҳонашро меомурзад. [1]

2. Ҳокими Нишобурии шофеӣ бо санади худ аз имом Содиқ (а) аз падаронаш аз имом Алӣ (а) аз паёмбар (с) нақл мекунад, ки фармуд:

Порае аз тани ман дар Хуросон мадфун

---

1. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 190, ба нақл аз «Таърихи Нишобур» -и Ҳокими Нишобурии шофеӣ, Қундузии ҳанафӣ «Янобеъул маваддати лизил қурбо (а)», ҷ2, саҳ 341.

хоҳад гашт, ҳар муъмине ба зиёрати ӯ биравад худованд биҳиштро барои вай воҷиб хоҳад сохт ва бадани ӯро бар оташи ҷаҳаннам ҳаром хоҳад гардонд.[1]

3. Аз Оиша ривоят шуда, ки расули худо (с) фармуд:

Касе, ки фарзандамро дар Тус зиёрат кунад, як Ҳаҷ ба ҷо овардааст. Оиша пурсид: Як Ҳаҷ? Паёмбар (с) фармуд: Ду Ҳаҷ. Оиша пурсид: Ду Ҳаҷ? Расули худо (с) фармуд: Се Ҳаҷ. Оиша сокит шуд. Паёмбар (с) фармуд: Агар сукут намекардӣ то ҳафтод Ҳаҷ бармешумурдам. [2]

Бо иноят ба нуктае, ки дар ин ривоят вуҷуд дорад шояд битавон гуфт: Шахсияти имом Ризо (а) ва минтақаи Тус ба қадре барои Оиша

---

1. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 188, ба нақл аз «Таърихи Нишобур» -и Ҳокими Нишобурии шофеӣ, Қундузии ҳанафӣ «Янобеъул мавaддати лизил қурбо (а)», ҷ2, саҳ 341.
2. Қунудзии ҳанафӣ, «Янобеъул мавaддити лизил қурбо(а)», ҷ2, саҳ 341.

мушаххас буда, ки аз паёмбар (с) маънои «фарзандам» ва ё «Тус»-ро напурсида, балки танҳо аз савоб ва подоши зиёрат шигифтзада шудааст. [1]

## Дар нигоҳи имом Козим (а)

4. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ мегӯяд: Аз Мусо ибни Ҷаъфар шунидам мефармуд: Ҳар кас оромгоҳи фарзандамро зиёрат кунад, савоби ҳафтод ҳаҷро назди худо хоҳад дошт. Онгоҳ фармуд:Чӣ басо ҳаҷҷе қабул намешавад. Ҳар кас ӯро зиёрат кунад ё шаб дар даргоҳаш бимонад, гӯйӣ ҳамаи осмониёнро зиёрат кардааст ва чун рӯзи қиёмат шавад, зоиронро бо имомони мо аҳли байт хоҳад ёфт ва зоирони фарзандам Алӣ дараҷаашон болотар ва ҳаёти (маънавиашон) наздиктар аст.[2]

---

1. Албатта мумкин аст аз паёмбар (с) пурсида бошад, вале идомаи ривоят ҳазф шуда бошад ва ё ровӣ онро зикр накардааст.
2. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 194, ба нақл аз «Таърихи Нишобур» -и Ҳокими Нишобурии шофеӣ.

## Дар нигоҳи имом Ризо (а)

5. Ҷувайнии шофеӣ бо силсилаи санади худ аз Фаззол ривоят карда, ки гуфт:

Аз Алӣ ибни Мусарризо (а) шунидам шахсе назди вай омад ва ба имом арз кард: Эй фарзанди расули худо! Паёмбар (с) –ро дар хоб дидам, ки ба ман фармуд: Чӣ гуна хоҳад буд агар пораи тани ман дар сарзамини шумо мадфун  ва гушти баданам дар сарзамини шумо пинҳон шавад ва аз амонати ман чӣ гуна муҳофизат мекунед? Имом Ризо (а) дар посух фармуд: Ман он шахсе ҳастам, ки дар сарзамини шумо дафн хоҳад шуд. Ман пораи тани расули худо (с) ва ҳамон амонате ҳастам, ки ҳар шахсе агар бо маърифат ба ҳақи ман ва итоат аз ман маро зиёрат кунад ман ва падаронам шафеъони ӯ дар рӯзи қиёмат хоҳем буд ва касе, ки мо шафеъони ӯ бошем, наҷот хоҳад ёфт, ҳарчанд гуноҳони вай ба андози

гуноҳони ҷинну инс бошад.[1]

Имом Ризо (а) дар таъйиди ҷараёни мазкур ба нақл аз паёмбар (с) мефармояд:

Имом Ризо (а) ба нақл аз падарони покаш аз паёмбар (с) ривоят карда, ки мефармояд: Ҳар кас маро дар хоб бинад (воқеан маро дар хоб дидааст, зеро шайтон ба сурати ман ва ҳеҷ як аз ҷонишинонам зоҳир намегардад. Руъёи содиқа ҷузъе аз ҳафтод ҷузъи паёмбарӣ аст. [2]

Бад-ин тартиб ин ривоят ба тамоми руъёҳое, ки дар ин боб дар мавриди паёмбар (с) ё ҷонишинони вай ворид шуда, ҳуҷҷият мебахшад.

6. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ мегӯяд: Аз Алӣ ибни Мусоарризо (а) шунидам мефармуд:

Ман кушта шуда ба самм (заҳр) ва мадфун дар сарзамини ғариб ҳастам. Инро ба суфорише,

---

1. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 191.
2. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 191.

ки падарам аз падараш аз падаронаш аз Алӣ ибни Абитолиб аз расулуллоҳ (с) бо ман кардаанд, медонам. Огоҳ бошед, ҳар кас маро дар ғурбатам зиёрат кунад, ман ва падаронам шафеъони ӯ дар рӯзи қиёмат хоҳем буд ва ҳар кас мо шафеъони ӯ бошем наҷот меёбад, гарчи гуноҳи ҷин ва инсро дошта бошад.[1]

Ҷувайнии шофеӣ бо шигифтии бисёр аз ин ривоят, чунин ёд мекунад:

Ваҳ – ваҳ! Чӣ каромате! Каромате нуронӣ ва башорате барои маҳв ва пӯшонандагии зиштии гуноҳон.[2]

7. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ мегӯяд: Имом Ризо (а) фармуд:

Касе, ки ба зиёрати ман биёяд, ман низ дар се ҷойгоҳ ба фарёди ӯ хоҳам расид: Замоне, ки номаҳои аъмолро ба дасти рост ва чап медиҳанд ва ҳангоми убур аз пули сирот ва ҳангоме, ки

1. Ҳамон, саҳ 192.
2. Ҳамон, саҳ 192.

аъмолро дар кафаи тарозу қарор медиҳанд.[1]

8. Ҳамчунин Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ аз Ёсар ходими имом Ризо (а) ривоят карда, ки Алӣ ибни Мусарризо (а) фармуд:

Барои зиёрати ҳеҷ қабре бори сафар набандед, магар ба зиёрати қабри мо. Огоҳ бошед, ки ман ба самми (заҳри) золимона кушта ва дар ҷое ғариб дафн мешавам, пас ҳар кас бори сафар барои зиёратам бандад дуояш иҷобат ва гуноҳонаш бахшида мешавад.

9. Муҳаммадхоҷа Порсои Бухории ҳанафӣ мегӯяд: Ҳангоме, ки Маъмуни аббосӣ, бо таҳдид вилоятаҳдиро бар имом Ризо (а) таҳмил кард, имом хитоб ба Маъмун фармуд:

Ба худо қасам! Падарам барои ман аз падаронаш аз расули худо (с) ривоят карданд: Ман пеш аз ту мазлумона аз дунё меравам. Фариштагони осмон ва замин бар ман мегирянд

1. Ҳамон, саҳ 195.

ва дар замини ғариб ба хок супурда мешавам. [1]

## Дар нигоҳи имом Ҷавод

10. Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ ривоят карда, ки аз имом Ҷавод шунидам мефармуд:

Ҳар кас қабри падарамро зиёрат кунад худованд гуноҳони гузашта ва ояндаашро меомурзад ва чун рӯзи қиёмат шавад барои ӯ ҷойгоҳе дар муқобили ҷойгоҳи расули худо қарор медиҳанд, то вақте, ки худованд ба ҳисоби ҳамаи бандагонаш расидагӣ кунад.

## Дар нигоҳи имом Ҳодӣ (а)

11. Низ Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ аз Сақр ибни Далаф ривоят намуда, ки гуфт: Аз имом Ҳодӣ (а) шунидам, ки мефармуд:

---

1. Қунудзии ҳанафӣ, «Янобеъул маваддити лизил қурбо(а)», ҷ 3, саҳ 147 ба нақл аз «Фаслул хитоб ливаслил аҳбоб»-и Хоҷа Порсои Бухории ҳанафӣ.

Ҳар касе ҳоҷате дорад ба зиёрати қабри ҷаддам имом Ризо (а) бо анҷом додани ғусл биравад ва болои сари ҳазрат ду ракаъат намоз бихонад ва ҳоҷаташро дар қунути намоз аз худо бихоҳад, ки ҳоҷати ӯ бароварда хоҳад шуд, албатта ба шарте ҳоҷати ӯ гуноҳе ё қатъи раҳме (хешовандӣ) набошад. Маконе, ки имом Ризо (а) дар он дафн шуда, қитъае аз биҳишт аст. Ҳар муъмине он ҳазратро зиёрат кунад, худованд ӯро аз оташи ҷаҳаннам наҷот медиҳад ва дохили биҳишт мегардонад. [1]

---

1. Ҳамон, саҳ 193.

## Фасли дуввум

# Зиёрати аҳли суннат

## Зиёрати аҳли суннат

Имом Ризо (а) дар даврони ҳаёти пурбаракати хеш фазоил ва каромоти бисёре дошта, ки нуқтаи авҷи он вуруди таърихии он ҳазрат (а) ба Нишобур ва табаррук ҷустани уламо ва аҳли суннати он минтақа ба хоки пои маркаби имом аст.[1]

Аммо ин каромот ва баракот ба даврони ҳаёти он ҳазрат маҳдуд набудааст ва пас аз шаҳодати вай низ ба тасреҳи уламои аҳли суннат қабри шарифи имом Ризо (а) аз ҳамон қарни саввум- чаҳоруми ҳиҷрӣ то кунун маҳалли зиёрат ва тавассули уламои аҳли суннат

1. Барои огоҳии бештар аз ҷараёни вуруди имом Ризо (а) ба Нишобур ва мавозеъи уламо ва мардуми аҳли суннат ниг ба: Муҳаммад Муҳсини Табасӣ: «Ҳадиси Силсилатуз заҳаб ба ривояти аҳли суннат».

ва соири мардум ва шифо гирифтан аз буқъаи (макони муқаддас) шариф будааст ва бар асоси гузоришҳои онон тавассулот ва зиёроти мардум ҳар сол густардатар шудааст.

Гӯйӣ ривоёти расида аз паёмбари аъзам (с) ва соири аҳли байти расули худо (с), ки бар зиёрати қабри имом Ризо (а) ва мазлумият ва ғурбати он ҳазрат таъкид доштааст, чунин сели хурӯшоне аз мардумро ба самти марқади он ҳазрат равона карда ва сабаби эҳтироми вижаи онон ба пораи тани расули худо (с) шудааст.

Ин гузоришҳо ҳокӣ (ҳикояткунанда) аз ин масъала аст, ки зиёрати қубури аҳли байт (а) як суннати муаккади набавӣ (с) аст ва хати бутлоне бар таваҳҳумоти беасоси ваҳҳобият.

## Қарни чаҳорум:

1. Абубакр ибни Хузаймаи шофеӣ[1] (311

---

1. Ибни Хузайма назди аҳли суннат аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст ба гунае, ки аз вай ба «имомулаима» «шайхулислом», «ҳофиз», «ҳуҷҷат», «фақеҳ», «беназир», «зиндакунандаи суннати расули худо» таъбир кардаанд ва дар дониш ва ҳадис ва фиқҳ ва итқон зарбулмасал аст (Заҳабии шофеӣ, «Сайру аъломил нубало», ҷ 14, саҳ 365-377).

ҳ.қ.) ва Абуалии Сақфии шофеӣ[1] (328 ҳ.қ.):

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд: Ҳоким мегӯяд аз Муҳаммад ибни Муаммал шунидам мегуфт: Рӯзе бо пешвои аҳли ҳадис Абубакр ибни Хузайма ва Абуалии Сақафӣ ва дигар машоихи худ ба зиёрати марқади Алӣ ибни Мусарризо ба Тус рафтем. Онҳо бисёр ба зиёрати қабри Алӣ ибни Мусарризо мерафтанд. Муҳаммад ибни Муаммал мегӯяд: Эҳтиром ва бузургдошт ва тавозуъ ва гиря ва зории Ибни Хузайма дар канори марқади мутаҳҳари Алӣ ибни Мусо ҳамагии моро шигифтзада карда.[2]

Нуктаи ҷолиб ва шигифтангез идомаи сухани ровӣ аст, ки мутаассифона бархе онро гузориш накардаанд. Ровӣ мегӯяд:

---

1. Дар мавриди Абуалии Сақафии шофеӣ, таъбирҳое чун «имом», «муҳаддис», «фақеҳ», «аллома», «шайхи Хуросон» «мударриси фиқҳи шофеӣ дар Хуросон», «имом дар аксари улуми шаръӣ», «ҳуҷҷати худо бар халқ дар даврони худ» (ҳамон саҳ 280-282) ба кор бурда шудааст, ки ҳокӣ аз аҳамияти ин шахсият назди аҳли суннат аст.
2. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 198 ва Ибни Ҳаҷари Асқалонӣ «Таҳзибут таҳзиб», ҷ 7, саҳ 339, ҳар ду ба нақл аз «Таърихи Нишобур»-и Ҳокими Нишобурии шофеӣ.

Ин ҳама тавозӯъ ва эҳтиромоти вижаи Ибни Хузайма ба қабри имом Ризо (а) дар ҳузури бузургони хонадони Султон ва хонадони Шозон ва хонадони Шанқашин ва гурӯҳе аз алавиёни Нишобур ва Ҳирот ва Тус ва Сарахс анҷом гирифт ва ҳамаи онҳо шамоил ва ҳаракоти Ибни Хузаймаро ба ҳангоми зиёрати қабри имом Ризо (а) мушоҳида ва сабту забт карданд ва аз бархӯрди вай бо имом ва қабри шарифи он ҳазрат бисёр хӯшҳол шуданд ва ба хотири чунин бархӯрде, ки аз имомул уламо сар зада буд, аз хӯшҳолӣ садақа доданд ва ҳамагӣ изҳор доштанд: Агар ин кор (зиёрати қубур (қабрҳо) ва гиряву зорӣ канори қубур ва тавозуъ ва эҳтиром ба соҳиби қабр) суннат набуд ва фазилат надошт, ҳеҷгоҳ Ибни Хузайма чунин намекард. [1]

---

1. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 198 ба нақл аз «Таърихи Нишобур»-и Ҳокими Нишобурии шофеӣ.

## 2. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ[1](354 ҳ.қ.)

Алӣ бини Мусарризо (а) аз бузургони аҳли байт ва уқало ва нухбагон ва бузургворони Бани Ҳошим ба шумор меравад. Агар аз вай ривояте нақл шавад воҷиб аст ҳадисаш муътабар шинохта шавад... ман борҳо марқади вайро зиёрат кардаам. Замоне, ки дар Тус будам, ҳар мушкиле бароям рух медод қабри Алӣ ибни Мусарризоро, дуруди худо бар ҷаддаш ва ӯ бод, зиёрат ва барои бартараф шудани мушкилам дуо мекардам ва дуоям мустаҷоб ва мушкилам ҳал мешуд. Ин корро борҳо таҷриба кардам ва посух мегирифтам. Худованд моро бар дӯстӣ ва

---

1. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ назди аҳли суннат аз ҷойгоҳи хосе бархӯрдор аст ба гунае, ки аз вай ба «имом», «аллома», «ҳофиз», «шайхи Хуросон», «яке аз устувонаҳои илм дар фиқҳ ва луғат ва ҳадис» ва аз «уқалои риҷол» таъбир кардаанд (Самъонии шофеӣ: «Алансоб», ҷ 2, саҳ 209, Заҳабии шофеӣ: «Сайру эъломил нубало», ҷ 16, саҳ92, Сафадии шофеӣ: «Алвофӣ билвафиёт», ҷ 2, саҳ 317, Субкии шофеӣ: «Аттабоқотуш шофеиятул кубро», ҷ 3, саҳ 131 ва Ибни Тағрии ҳанафӣ: «Аннуҷумуз зоҳирати фӣ мулуки Миср вал Қоҳира», ҷ 3 саҳ 342). Гуфтанист ваӣ дар китоби «Ассиқот»-и худ Язид ибни Муовия, қотили имом Ҳусайн фарзанди расули худоро ҷузъи афроди сиққа (ростгу ва мавриди эътимод) мешуморад (Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ, ҷ 2, саҳ 306), ин дар ҳолест, ки дар китоби «Алмаҷруҳин»-и худ асомии асҳоби Алӣ (а) – ро ҷузъи зуъафо ва матрукин шумурдааст! (Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ, ҷ 1, саҳ 222, 267, 297, ҷ 2, саҳ 176).

муҳаббати расули худо (с) ва аҳли байташ бимиронад.[1]

3. Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳли шофеӣ[2] (405 ҳ.қ.)

Ҳоким мегӯяд:

Аз Абуҳасан Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳли фақеҳ шунидам, ки мегуфт: Ҳеҷ амри муҳимми динӣ ва дунёӣ барои ман рӯй надод, ки ба боргоҳи имом Ризо (а) барои он ҳоҷат рафтам ва назди қабраш худоро хондам, ҷуз он ки он ҳоҷат раво шуд ва худованд маро аз он ғам раҳонид… ва ин одатам шуда, ки ба он дар тамоми умуре, ки бад-онҳо дучор мешавам, биравам, чаро ки он наздам озмуда шудааст.[3]

---

1. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ: «Китобус сиқот», ҷ 8, саҳ 457.
2. Вай дар даврони хеш аз бузургони шофеӣ аст ба гунае, ки Заҳабии шофеӣ дар бораи шахсияти вай чунин таъбир мекунад: «Алаллома, шайхушшофеия… ва ҳува мин асҳобил вуҷуҳ…» ҳамчунин Заҳабӣ ба нақл аз Ҳокими Нишобурии шофеӣ дар бораи Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саҳл чунин мегӯяд: «Донотарин асҳоб ба мазҳаб ва тартиби он аст», ниг ба: Заҳабии шофеӣ «Сайру аълмоил нубало», ҷ 16, саҳ 46-447.
3. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 220 ба нақл аз «Таърихи Нишобур»-и Ҳокими Нишобурии шофеӣ.

## Қарни панҷум:

4. Ҳокими Нишобурии шофеъӣ [1]

Худованд маро аз каромоти турбаташ беҳтарин каромотро шиносонд. Аз он ҷумла аст, ки ман дучори бемории хушкии мафосил будам ва ҷуз бо машаққат наметавонистам ҳаракат кунам. Бинобар ин берун омадам ва зиёраташ кардам ва бо ду кафши карбосӣ ба Навқон бозгаштам. Субҳ, ки дар Навқон будам тамоми он дард рафт ва тандуруст ба Нишобур боз гаштам. [2]

Ҳокими Нишобурии шофеӣ афзун бар суханони мазкур шоҳиди эътирофоти бузургони аҳли суннат дар бораи шифо ёфтан аз буқъаи (қабри) муборакаи имом Ризо (а) будааст ва онҳоро гузориш намуда, ки ба онҳо ишора мешавад:

---

1. Заҳабии шофеӣ дар бораи вай мегӯяд: «Алимом, алҳофиз, анноқид, аллома, шайхулмуҳаддис… кона мин буҳурил илми», «Сайру аъломил нубало», ҷ 18, саҳ 163, 165.
2. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 220 ба нақл аз «Таърихи Нишобур»-и Ҳокими Нишобурии шофеӣ.

5. Зоире мисрӣ ба номи Ҳамза

Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ овардааст:

Дар Марвруд будам, ки бо мусофире мисрӣ ба номи Ҳамза мулоқот кардам ва ӯ гуфт, ки аз Миср ба қасди зиёрати боргоҳи имом Ризо (а) ба Тус омадааст ва гуфт: Чун ба ин боргоҳ дохил шудам наздики ғуруби офтоб буд, пас имомро зиёрат кардам ва намоз гузоридам ва дар он рӯз зоире ғайр аз ман набуд. Чун намози ишоро (хуфтан) хондам, ходими қабр хост, ки ӯро берун кунад ё дарро бар рӯи вай бибандад. Аз ӯ хост, ки дарро бар рӯяш бибандад ва ӯро дар масҷид раҳо кунад, то дар он намоз бигузорад. Чун ӯ дар сарзамине даромадааст ва ӯро аз он ҷо берун накунад, зеро ӯ эҳтиёҷе ба берун рафтан надорад. Пас ходим раҳояш кард ва дарро бар рӯи ӯ баст. Ӯ дар онҷо ба танҳоӣ намоз мегузорад, то ин ки хаста шуд ва сарашро бар сари зонувонаш мегузорад, то андаке биёсояд. Чун сарашро баланд мекунад дар

девори рӯ ба рӯи хеш порчае мебинад, ки бар он ин ду байт навишта шуда буд:

Касе, ки хӯшҳол мешавад, ки бо зиёрати қабре худованд гирифториҳояшро аз ӯ бартараф кунад, пас назди соҳиби ин қабр биёяд, ки дар он фарзанде аз фарзандони баргузидаи расули худо (с) мадфун аст.

Гуфт: Бархостам ва то вақти саҳар шурӯъ ба намоз хондан кардам, сипас монанди бори аввал нишастам ва сарамро рӯи зонувонам гузоштам, пас чун сарамро бардоштам чизе рӯи девор надидам. Он чизеро, ки дида буд, навишати мураккаби хушк нашуда буд, гӯйӣ, ки алон навишта шуда буд. Гуфт: Сипас субҳ дамид ва дар боз шуд ва аз он ҷо берун омад. [1]

6. Муҳаммад ибни Қосими шофеӣ:

Ҷувайнии шофеъӣ ба санади худ аз Муҳаммад ибни Қосими Нишобурӣ нақл мекунад: Муҳаммад ибни Қосим мегӯяд: Ман аз

1. Ҳамон, саҳ196.

касоне будам, ки зиёрати қабри имом Ризо (а) – ро қабул надоштам ва мардумро аз зиёрати қабри имом Ризо (а) боз медоштам. Шабе дар хоб дидам, ки дар Машҳад ҳузур дорам ва паёмбар (с) дар канори қабри имом Ризо (а) машғули намоз аст, ногаҳон садое шунидам, ки мегуфт: Ҳар кас дӯст дорад, қаберо бубинад, ки агар онро зиёрат кунад, худованд нороҳатии ӯро аз байн мебарад, ба зиёрати ин қабр (қабри имом Ризо (а) ) биёяд, ки худованд дар ин қабр сулола ва зуррияе аз паёмбарро (с) қарор додааст…Муҳаммад ибни Қосим мегӯяд: Вақте аз хоб бедор шудам, ғарқ дар арақ будам, бедаранг ғуломамро садо задам, то маркабамро омода кунад, савори маркаб шудам ва раҳсипори зиёрати қабри имом Ризо (а) шудам ва аз он пас соле ду бор ба зиёрати қабри имом Ризо (а) мушарраф мешавам. Мегӯям ин руъё ва тамоми марвийёти (ривоятшудаҳо) Саллор Абулҳасани Маккӣ ибни Мансур ибни Алони Карачиро аз шайх Муҳйиддин Абдулмуҳйӣ

ибни Абилбаракоти Ҳарбӣ ба тариқи иҷоза аз имом Маҷдуддин Яҳё ибни Рабеъ ибни Сулаймон ибни Ҳарози Воситӣ ба тариқи иҷоза аз Абузуръа Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Мақдасӣ ривоят мекунам.[1]

7. Фахруддин Адиб Ҷандии шофеӣ:

Ҷувайнии шофеӣ мегӯяд:

Пешвои фозил, хӯшхулқ ва симо Фахруддин Ҳаббатуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Маҳмуд Адиби Ҷандӣ, раҳмати худо бар ӯ бод, дар Машҳади Разавӣ, бар орамидаи дар он салом бод, дар зиёрати аввалаш, ки худо онро бипазирад ва дар номаҳои аъмол мақбул бинигорад, барои худаш чунин иншод кард: Эй касе, ки орзуяш ризои парвардигораш аст, омода бош ва (бидон), ки мункири хубӣ маломат мешавад.

Бинобар ин машҳади Имом Ризо (а) Алӣ

---

1. Ҷувайнии Шофеӣ «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а)», ҷ 2, саҳ 197 ба нақл аз «Таърихи Нишобур»-и Ҳокими Нишобурии шофеӣ.

ибни Мусоро, ки бар ӯ салом бод, зиёрат кун.[1]

8. Абунаср Муаззини Нишобурии шофеӣ:

Ҷувайнии шофеӣ ба нақл аз Абуназр Муаззини Нишобурӣ мегӯяд:

Ба бемории сахте мубтало гаштам, дар он беморӣ забонам банд омад ва қодир бар сухан гуфтан набудам, ба зеҳнам хутур кард, ки ба зиёрати қабри имом Ризо (а) биравам ва дар канори қабри шарифи он ҳазрат дуо кунам ва ӯро восита қарор диҳам ва аз худо бихоҳам маро аз ин беморӣ наҷот диҳад. Ба қасди зиёрати қабри имом Ризо (а) аз Нишобур хориҷ шудам ва қабри он ҳазратро зиёрат кардам ва дар самти болои сари он ҳазрат машғули хондани намоз шудам ва имом Ризо (а)-ро шафеъ қарор додам ва аз худо хостам ба эҳтиром ва манзалат ва мақоми имом Ризо (а) мушкили забонамро бартараф созад. Дар саҷдаи намоз хобам бурд, дар хоб дидам ногаҳон моҳ

1. Ҳамон, ҳадиси 476.

шикофта шуд ва марде аз он хориҷ шуд ва ба наздики ман омад ва садо зад: Эй Абуназр! Бигӯ: Ло илоҳа иллалоҳ. Ман бо даст ишора кардам, ки қодир бар сухан гуфтан нестам ва забонам банд омадааст. Он мард бар сарам фарёд зад ва фармуд: Магар бар қудрати худо имон надорӣ? Бигӯ: Ло илоҳа иллалоҳ. Ман, ки то он ҳангом лол будам, якбора забонам боз шуд ва гуфтам: Ло илоҳа иллалоҳ. Ман низ ба шукронаи ин неъмати илоҳӣ аз Машҳад пиёда бозгаштам ва дар тӯли масир ҳамвора зикри ло илоҳа иллалоҳ-ро сари забон доштам ва баъд аз он забонам банд наёмад. [1]

9. Фарде ношинос:

Ҳокими Нишобурии шофеӣ ба санади худ

нақл мекунад:

Аз марде, ки исмашро аз ёд бурдам, бар сари қабри (имом) Ризо шунидам, ки мегуфт: Дар шарофати қабр ва шарофату бузургии касе, ки дар он хуфтааст, меандешидам, пас ба

---

1. Ҳамон, саҳ 217, ҳадиси 491.

қалбам инкори баъзе аз умури марбут ба касе, ки дар онҷост, хутур кард. Бинобар бо Қуръон тафъал задам ва ин оят омад: Аз ту савол мекунанд, ки он ҳақ аст? Бигӯ: Бале, қасам ба парвардигорам, ки он ҳақ аст. Се бор тафъал задам, ҳар се бор ин оят омад.[1]

10. Зайди Форсӣ:

Ҳоким ба санади худ аз Зайди Форсӣ ривоят карда, ки гуфт:

Ман дар Марвруд ду сол дучори нақрас будам, ки наметавонистам бииистам ва на истода намоз бихонам. Пас дар хоб ба ман намоёнданд, ки оё ба қабри (имом) Ризо намеравӣ ва пойҳоятро ба зарираш намемолӣ ва бар сари қабри ӯ аз худо намехоҳӣ, ки бемориат аз байн биравад? Гуфт: Пас чорпое кироя кардам ва ба Тус омадам ва пояҳоямро ба қабр молидам ва аз худованд хостам пас он нақрас ва дард аз байн

1. Ҷувайнии Шофеӣ: Фароидус самтин фи фазоилил Муртазо вал Батул вас Сибтин вал аиммати мин зурриятиҳим (а), ҷ 2, саҳ 218, ҳадиси 493, ба нақл аз «Таърихи Нишобур»-и Ҳокими Нишобурии шофеӣ.

рафт ва ман ду сол дар ин ҷо ҳастам то ба ҳол нақрас нашудам. [1]

11. Ҳамавайҳ ибни Алӣ:

Ҳамчунин Ҳокими Нишобурӣ ба санади худ аз Ҳамавайҳ ибни Алӣ овардааст, ки гуфт:

Ман бо Ҳамавайҳ дар Балх будам, пас рӯзе савор шуд ва ман ҳамроҳи ӯ будам, ки дар ин ҳангом, ки мо дар бозори Балх будем, Ҳамавайҳ мардеро дид, дастур дод, ки ӯро бигиранд ва гуфт: Ӯро ба манзил бибаред, баъд ба ҳангоми баргаштан ба манзил дастур дод, улоғе хуб ва қиброқ ва суфраи ғазо ва панир ва дувист дирҳам оварданд. Пас чун ҳозир шуд гуфт: Он мардро биёваред. Ӯро оварданд, чун дар муқобилаш истод, гуфт: Ту силие ба ман задӣ ва имрӯз ман онро талофӣ мекунам. Ёд меоварам, рӯзеро, ки бо ҳам қабри Ризо (а)-ро зиёрат кардем ту аз худо хостӣ ва гуфтӣ: Улоғе ва дувист дирҳам ва суфраи нону панир ба ман

1. Ҳамон, саҳ 219, ҳадиси 494.

марҳамат фармо ва ман гуфтам: Худоё! Ҳукумати Хуросонро ба ман бидеҳ. Пас ту силие ба ман задӣ ва гуфтӣ: Ончиро намешавад, напурс. Алон, худо маро ба хостаам расонд ва туро ба хостаат ва силӣ ҳаққи ман аст бар ту.[1]

12. Абуҳусейн ибни Абибакри шофеӣ:

Ҳокими Нишобурии шофеӣ мегӯяд:

Аз Абулҳусейн ибни Абубакр шунидам, ки мегуфт: Худованд ҳар дуое, ки дар марқади имом Ризо (а) кардам, иҷобат кард, ҳатто аз худо хостам, фарзанде ба ман иноят кунад, ки баъд аз ноумедӣ фарзанде рӯзӣ кард.

## Қарни ҳаштум:

13. Заҳабии шофеӣ (748 ҳ.қ.):

Ваӣ низ ба вуҷуди бархурдорӣ аз афкори салафӣ дар бораи зиёрати зоирони ин буқъаи шарифа мегӯяд:

1. Ҳамон, ҳадиси 495.

Ва барои Алӣ ибни Мусо боргоҳе дар Тус аст, ки мардумон ба зиёрати ӯ меоянд. [1]

Ва барои ӯ оромгоҳе бузург дар Тус аст, ки зиёрат мешавад.[2]

Дар мавриди фарзандони имом Козим (а) замоне, ки ба имом Ризо (а) мерасад, мегӯяд:

Ва барои фарзандаш Алӣ ибни Мусо (а) боргоҳе бузург дар Тус аст. [3]

14. Сафадии шофеӣ (764 ҳ.қ.):

Вай низ дар гузорише кӯтоҳ, аммо гӯё чунин мегӯяд:

… Ва дар Тус дафн шуда ва қабраш зиёратгоҳ аст.[4]

15. Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Батутаи Марокашӣ (779 ҳ.қ.):

Он гуна, ки гузашт, гузориши вай низ ҳокӣ

1. Заҳабии шофеӣ: Сайру эъломил нубало, ҷ 9, саҳ 393.
2. Заҳабии шофеӣ: Алибару фил хабари ман ғабар, ҷ 1, саҳ 266.
3. Заҳабии шофеӣ: Сайру эъломил нубало, ҷ 6, саҳ 274.
4. Сафдии шофеӣ: Алвофӣ билвафиёт, ҷ 22, саҳ 249.

аз ин зиёрати мувофиқ ва мухолиф аз қабри имом Ризо (а) аст.[1]

## Қарни нуҳум:

16. Атоуллоҳ ибни Фазлуллоҳи Шерозӣ (803 ҳ.қ.):

Вай Машҳади имом Ризо (а)-ро марҷаъи ҳамаи зоирон аз тамоми табақот ва ақшор медонад ва мегӯяд:

Алӣ (ибни Мусо) Арризо (а) бо мардум ба луғоти худашон сухан мегуфт ва он ҳазрат дар сухан гуфтан шевотарини мардум ва донотарини онҳо ба ҳамаи забонҳо ва луғот буд... Машҳад ва марқади мунаввари вай марҷаъи зоирон аз тамоми табақот ва нуқоти ҷаҳон аст.[2]

---

1. Ибни Батутаи Марокашӣ: Туҳафтун нуззор фӣ ғароибил амсор», маъруф ба Риҳла ибни Батута, саҳ 401.
2. Атоуллоҳи Шерозӣ: Равзатул аҳбоб, ҷ 4, саҳ 43, ниг: Амир Аҳмадҳусйни Баҳодурхони Ҳиндии Ҳанафӣ: «Таърихул аҳмадӣ», саҳ 36.

## Қарни даҳум:

17. Мирмуҳаммад ибни Сайидбурҳонуддини Ховандшоҳ, маъруф ба Мирхонди шофеӣ (903 ҳ.қ.):

Вай низ дар гузорише шигифтангез зоирони қабри имом Ризо (а)-ро афзун бар Эрон, аз Рум ва Ҳинд ва соири сарзаминҳо медонад ва мегӯяд:

Зикри аҳволи Алӣ ибни Мусарризо разияаллоҳу анҳу. Машҳади муқаддас ва марқади ин имоми алалитлоқ марҷаъи Эрон ва мақсади соликони акобир ва асоғири офоқ аст. Тавоифи умам ва табақоти бани Одам аз ақсои Рум ва Ҳинд аз ҷамиъи марзу бум ҳарсола муҳоҷирати автон ва муфориқати хуллон ихтиёр карда ва рӯи таваҷҷуҳ ба ин остони фархунда нишон ниҳода ва маросими зиёрат ва тавоф баҷоӣ оваранд ва ин мавҳибати узморо сармояи саодати дунё ва уқбо медонанд... Маноқиб ва маосир ва фазоил ва мафохири имом Абулҳасанур Ризо зиёда аз он аст, ки муҳоти

илми башарӣ гардад ва дар ин мақом бар сатре чанд аз хавориқи одоти он қудваи арбоби саодат иқтисор меравад, разияаллоҳу анҳу. Баъд ба нақли маноқиб ва каромоти имом мепардозад ва дар поён мегӯяд: Аз имом Ризо (а) ҳикояти бисёр манқул аст, ки нишонаи азамат ва вусъати маноқиб ва каромати он ҳазрат мебошад.[1]

18. Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ (927 ҳ.қ.):

Вай низ бо ибороти воло ва бо эҳтироми фаровон аз марқади мутаҳҳари имом Ризо (а) ёд мекунад ва онро «Каъбаи ҳоҷот» ва мақосиди ҷамиъи ҳоҷатхоҳон» то рӯзи қиёмат медонад ва мегӯяд:

Зиёрати қабри мукаррам ва марқади муаззами ҳазрати имоми ақмматулҳудо, султонул инси валҷин, имом Алӣ ибни Мусарризо ал Козим ибни Ҷаъфарис Содиқ

1. Хондамири шофеӣ: Таърихи Равзатуссафо, ҷ 3, саҳ 41, 46, 52.

ибни Муҳаммадил Боқир ибни Алӣ Зайнулобидин ибнил Ҳасаниш шаҳид ибни Алйил Муртазо саловотуллоҳу ва саломуҳу ало сайидино Муҳаммад ва олиҳил киром сайимал оятиннизоми ситтата обоиҳи куллуҳум афзалу май яшрабу савбал ғамом, тарёки акбари муҳиббон ва муҷиби ҳаёти дилу ҷон аст, муродоти ҳамаи олам аз он даргоҳи бобаракат ҳосил ва филвоқеъ рабъи маймунаш тавон гуфт, ки аз ашрафи манозил аст. Он мақоми муборак тамомии авқот мақрун ба тиловати Қуръони маҷид аст ва тавон гуфт, ки маъбаде аст аз маъобиди ислом ҳаргиз он марқади олӣ аз тоати ниёзмандон холӣ нест ва чигуна чунин набошад ва ҳол он ки турбати ҳазрати имоме аст, ки ӯст мазҳари улуми набавӣ ва ворисси сифоти Муставафӣ ва имоми барҳақ ва роҳнамои мутлақ ва соҳибзамони имомати худ ва ворисси нубувват ва ҳаққи истиқомати худ.

**Ҳазор дафтар агар дар маноқибаш гӯянд,**
**Ҳанӯз раҳ ба камоли Алӣ нашояд бурд.**

Ва собиқан, ки азми зиёрати Машҳади муқаддаси ҳазрати имом буд, ин қасида сурати назм ёфта буд ва дар ин мақом идроҷи ӯ муносиб аст, зеро ки мулоими зиёрати он соҳибманоқиб аст.

Вай дар идомаи қасидае ба унвони «Қасидае дар маноқабати имоми сомин, валии зомин, имом Абулҳасан Алӣ ибни Мусарризо саловотуллоҳи алайҳи ва саломуҳу» дар мадҳи он ҳазрат нақл мекунад…[1]

Ҷои дигар мегӯяд:

Худоё! Дуруд ва салавот ва салом фирист ба имоми ҳаштум он ҳазрати меҳтари некӯхисол, некӯкор ва некӯсират. Он ҳазрат касе аст, ки лашкари авлиёро султон ва подшоҳ аст. Соҳиби ҷуд ва мурувват ва некӯкорӣ аст. Дар ӯ анвори ҳазрати пайғамбар назди чашм аён

1. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ: «Меҳмонномаи Бухоро», саҳ 336.

дурахшанда аст. Болобарандаи нишонаҳои тавҳид ва насбкунандаи парчамҳои имон аст. Бар раванда аст бар болотарин дараҷоти илм ва ирфон. Соҳиб манқабат фармудаи ҳазрати паёмбар аст, ки фармуд: «Порае аз бадани ман дар Хуросон мадфун хоҳад шуд». Он ҳазрат беруноваранда аст ба ҷафр ва ҷомеа, ончӣ буда ва ончӣ хоҳад буд, он кас, ки дар шарафи падаронаш, шаш падари бузургвораш гуфта шуда, ки бартарин касонанд, ки аз оби осмон нӯшидаанд. Он ҳазрат иқтидокунанда аст ба расули худо дар ҳар ҳоле ва дар ҳар коре ва шаъне, ки он ҳазратро пеш омада. Эшонро Абулҳасан Алӣ ибни Мусарризо имоми қоими сомин аст. Он ҳазрат шаҳодат ёфта ба заҳр дар ғам ва хун ва малол ва мадфун аст дар Тус. [1]

Ва низ дар ҳамон ҷо мегӯяд:

Худоё! Ба лутфу фазл ва караму миннати хеш зиёрати қабри муқаддас ва боргоҳи

---

1. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ: «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ 223.

босафояшро рӯзии мо кун ва гуноҳонамонро бибахш ва тамоми ҳоҷоти моро ба баракати ӯ баровар. Худоё! Бар сарвари мо Муҳаммад ва хонадони сарвари мо Муҳаммад ба хусус имоми баргузида Абулҳасан Алӣ ибни Мусарризо дуруд ва салом бифирист.[1]

Вай дар мавриди боргоҳи нуронии имом Ризо (а) суханони шигифте мегӯяд, ки ба баъзе аз онон ишора мешавад:

… Ва он ҳазратро дар он равзаи муқаддаса ва марқади мунаввар ва Машҳади муаттар дафн карданд ва он равзаи биҳишт, каъбаи ҳоҷот ва мақосиди ҷамиъи ҳоҷотхоҳон шуд, то рӯзи қиёмат. Раҷои камтарини бандагон Фазлуллоҳ ибни Рузбеҳонул Амин восиқ ба алтофи илоҳӣ, ки фақири ҳақирро имсол зиёрати марқади мутаҳҳар ва Машҳади мунаввари он ҳазрат ба хайр ва офият рӯзӣ гардад ва қироати ин китоб «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум» дар остонаи он

---

1. Ҳамон.

марқади мутаҳҳар ҷиҳати дӯстон ва муҳиббон ва маволиёни аҳлул байт намуда шавад, чӣ вило ва таваллои он ҳазрат, шимаи деринаи ин фақир ва муҳаббат ва истимдод аз он ҳазрат нақди хазинаи ин ҳақир аст. Дар ҳар воқеъа, ки ин фақирро пеш ояд истимдод аз ботини ақдаси он ҳазратро тариқи наҷот медонам ва дар ҳар ҳойила ва доҳия рӯҳи муқаддаси он ҳазратро.

Вай дар васфи имом Ризо (а) низ шеъре мегӯяд:

Саломун ало равзатул лилимом,
Алӣ ибни Мусо алайҳиссалом.
Саломун минал ошиқил мунтазир,
Саломун минал волаҳил мустаҳом.
Бар он пешвои каримушшиям,
Бар он муқтадои рафеъулмақом.
Зи шаҳди шаҳодат ҳаловат мазоқ,
Зи заҳр аду дар ҷаҳон талхком.
Зи хулди барин Машҳадаш равзае,
Хуросон аз ӯ гашта Доруссалом.
Аз он хонамаш ҷаннати ҳаштумин,

**Ки шуд манзили поки ҳаштум имом.**
**Муҳиббон зи ангури пурзаҳри ӯ,**
**Фиканданд майҳои хунин ба ҷом.**
**Маро чеҳра бинмуд як шаб ба хоб,**
**Шуд аз шавқи ӯ хоб бар ман ҳаром.**
**Аливор бар шермарде савор,**
**Амин дар рикобаш камина ғулом.**[1]

19. Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддини шофеӣ маъруф ба Хондамир (942ҳ.қ.):

Вай дар мавриди фарзандони имом Козим (а) мегӯяд:

Афзали авлоди имом Мусо, балки ашрафи ҷамиъи бароё, Алӣ ибни Мусарризо буд.[2]

Дар идома таҳти унвони «Зикри имоми ҳаштум Алӣ ибни Мусарризо саломуллоҳу алайҳи» дар бораи имом фасле мекушояд ва аз имом чунин таъбир мекунад: «Имоми воҷибул

1. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ: «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)», саҳ 243.
2. Хондамири шофеӣ: «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ 2, саҳ 81.

эҳтиром, Алӣ ибни Мусарризо... имоми олимиқдор»[1] ва ҳамчунин дар мавриди Машҳадурризо мегӯяд:

Ва ҳоло он мазори бузургвор ва равзаи фоизул анвор, матофи тавофи аъён ва ашрофи рӯзгор аст ва қиблаи омол ва Каъбаи иқболи асоғир ва аъозими ақтори билод ва амсор.

Салом ба оли Тоҳо ва Ёсин, саломи бар хонадони беҳтарин паёмбарон, салом бар боғу бӯстоне, ки дар он имоме орамида аст, ки дунё ва дин бад-ӯ ифтихор мекунанд. Дуруди худо бар беҳтарини офаридааш, Муҳаммад сайиди расулон ва оли покаш ба хусус имомони маъсум ва ҳидоятгар.[2]

Дар идома таҳти унвони «Гуфтор дар баёни фазоил ва камолоти он имоми олимақом» фасле кушода ва дар мавриди имом мегӯяд:

Байти шаҳиди хоки Хуросон имоми тайиб ва тоҳир, Алӣ ибни Мусо ибни Ҷаъфар ибни

---

1. Ҳамон саҳ 82.
2. Ҳамон саҳ 82, 83.

Муҳаммадибоқир… ақориб ва аҷониб аз машриқ то мағриб бар вуфури улуввашон ва самави макони он имоми вофирэҳсон, эътироф доштаанд ва доранд ва ақосӣ ва адонӣ, балки ҷамиъи афроди инсонӣ маноқиб ва мафохири он ҳамидамаосир бар саҳоифи замоир нигоштаанд ва менигоранд, кароматаш аз ҳарчӣ тасаввур тавон кард бештар буд ва имоматаш ба муҷиби насси обои бузургвораш муъайян ва муқаррар аст.

Аз он замон, ки фалак шуд ба нури меҳр мунаввар,
Надида дидаи кас чун Алӣ Мусои Ҷаъфар.
Сипеҳри иззу ҷалолат муҳити илму фазилат,
Имоми машриқу мағриб малози оли паёмбар.
Ҳарими турбати ӯ саҷадгоҳи хусрави анҷум,
Ғубори мақдами ӯ тӯтиёи дидаи ахтар.
Вуфури илму улувви макони ӯст ба ҳадде,
Ки шарҳи он натавон намуд килки суханвар.
Қалам агар ҳамагӣ васфи зоти ӯ бинависад,
Ҳадиси ӯ нашавад дар ҳазор сол мукаррар.[1]

---

1. Хондамири шофей: «Таърихи ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», ҷ 2, саҳ 83.

Он гоҳ ба нақли фазоил ва каромоти он ҳазрат пардохта ва баъд аз нақли онҳо дар поён чунин мегӯяд:

Пӯшида намонад, ки каромот ва хавориқи одоти имом Ризо (а) бисёр аст ва баракоти Машҳади мунаввар ва фуюзоти марқади муаттари он ҷаноб ва тафсили он умур мақдури хомаи шикастазабон набуда, лоҷарам дар тариқи иқтисор сулук намуд.[1]

## Қарни ёздаҳум:

20. Ибни Имоди Димишқии Ҳанбалӣ (1089 ҳ.қ.):

Ӯ боргоҳе бузург дар Тус дорад, ки зиёратгоҳ аст.[2]

## Қарни чаҳордаҳум:

21. Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ (1350 ҳ.қ.):

Вай низ Машҳадурризоро зиёратгоҳи

---

1. Ҳамон саҳ 91.
2. Ибни Имоди Ҳанбалӣ: Шазаротуз заҳаб фӣ ахбори ман заҳаб», ҷ 3, саҳ 14.

бузурги ҷаҳони ислом донистa ва мегӯяд:

Равзаи муъаллои он ҳазрат дар балдаи тайибаи Машҳади муқаддас ва зиёратгоҳи бузурги олами ислом ва дорои қуббаи муатталоӣ аст, ки мисл ва назираш дар олам ёфт намешавад. Зодаллоҳу шарафан. [1]

---

1. Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ: Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», саҳ 158-159.

# Фасли саввум

# Остони ҳазрат (а)

## Остони ҳазрат (а)

Фирқаи ваҳҳобият ва салафӣ бар ин бовар аст, ки бинои бар қубур ҷоиз нест ва аз масодиқи ширк аст ва онро сохта ва пардохтаи ҳокимони усмонӣ донистаанд, дар ҳоле ки гузоришҳои таърихӣ қидмати бинои бар қубурро қабл аз зуҳури ҳокимони усмонӣ ва бидъати Ибни Таййимия дар қуруни аввалияро нишон медиҳад. Яке аз ин мaворид бинои гунбад ва боргоҳ ба қабри мутаҳҳари имом Ризо (а) аст, ки реша дар қуруни саввум ва чаҳоруми ҳиҷрӣ дорад, ки дар ҳоли ҳозир ба сурати гунбад ва боргоҳи феълӣ даромадааст, ки ба ин гузоришҳо ишора мешавад:

## Қарни саввум ва чаҳорум:

1. Мақдасии Башшорӣ (380 ҳ.қ.):

Вай дар бораи марқади мутаҳҳари имом Ризо (а) гузориши шигифтангезе мекунад ва мегӯяд:

Дар Тус қабри Алӣ ибни Мусо аст, ки гирдогирди он деворе сохтаанд, ки хонаҳо ва бозоре дорад ва Амидудавлаи Фоиқ масҷиде дар он сохтааст, ки дар Хуросон беҳтар аз он нест.[1]

Мақдасии Башшорӣ дар қарни чаҳорум мезиста ва гузориши вай ҳокӣ аз ин аст, ки дар қарни саввум низ чунин биноҳое бар қабри шарифи он ҳазрат сохта шуда буд ва ин кор натанҳо бидъат набуда, балки ҳокимон ва хулафо Бани Аббос, онро тармим ва тавсиа медодаанд ба гунае, ки Амидуддавла яке аз вузарои Бани Аббос масҷиди бузурге бар қабри шарифи имом Ризо (а) бино карда буд.

2. Ҳусайн ибни Аҳмади Муҳаллибӣ (380 ҳ.қ.):

Вай низ гузорише шабеҳи гузориши

1. Мақдасии Башшорӣ: «Аҳсанут тақосим фӣ маърифатил ақолим», саҳ 261.

Мақдасии Башшорӣ аз марқади шарифи имом Ризо (а) ироа медиҳад. Вай дар мавриди Нуқон ва шахсияти имом Ризо (а) мегӯяд: Нуқон аз бузургтарин ва ободтарин шаҳрҳои Хуросон аст, ки дар пушти ин шаҳр марқади имом Алӣ ибни Мусо ибни Ҷаъфар қарор дорад… ки бар рӯи қабри эшон ҳисоре аст, дар он ҳисор мардум муътакиф мешаванд.[1]

## Қарни ҳаштум:

3. Заҳабии шофеӣ (748 ҳ.қ.):

Вай дар гузорише кӯтоҳ, аммо гӯё дар бораи гунбад ва боргоҳи имом Ризо (а) мегӯяд:

Алӣ ибни Мусо дар Тус боргоҳе дорад, ки мардум зиёраташ мекунанд.[2] Ӯ оромгоҳи бузург дар Тус дорад.[3]

Барои фарзандаш (Мусо ибни Ҷаъфар) Алӣ ибни Мусо (а) боргоҳи азиме дар Тус аст.[4]

---

1. Муҳаллибӣ: Алкитобул Азизӣ» ё «Алмасолику вал мамолик», саҳ 155.
2. Заҳабии шофеӣ: «Сайру эъломил нубало», ҷ 2, саҳ 393.
3. Заҳабии шофеӣ: «Алибару фӣ хабари ман», ҷ 1, саҳ 266.
4. Заҳабии шофеӣ: «Сайру эъломил нубало», ҷ 6, саҳ 274.

4. Муҳаммади ибни Абдуллоҳ ибни Батутаи Марокашӣ (779ҳ.қ.):

Вай низ дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ мезиста ва дар гардишҳои таърихии худ замоне, ки ба Хуросон мерасад Машҳадурризо ва гунбад ва боргоҳи он ҳазратро чунин гузориш мекунад:

Ба шаҳри Машҳадур Ризо мусофират намудем ва ӯ (имом Ризо) Алӣ ибни Мусо ибни Ҷаъфар ибни Алӣ ибни Ҳусейни шаҳид фарзанди Амирулмуъминин Алӣ ибни Абитолиб аст, ки ризвони худо бар онон бод. Машҳадурризо шаҳри бисёр бузурге аст ва бар боргоҳи мукаррами ҳазраташ, гунбади бузурге бино шуда ва дар канори он мадраса масҷиде аст, ки бинои тамомии онҳо аз зебоии хосе бархурдор аст: Деворҳои музайян ба кошӣ ва бар рӯи қабри шариф чаҳорчубе аз тахта ва рӯкаши он аз нуқра буд ва бар фарози зариҳи эшон чароғдонҳое аз нуқра овезон ва чаҳорчуб дари гунбад нуқра ва пардаи дар низ аз порчаи ҳарири зарбафт буд ва тамоми муҳавватаи

зиёратгоҳаш мафруш ба фаршҳои мутанаввеъ ва дар канори он қабри Ҳорунаррашид буд, ки зоирон ҳангоми вуруд ба зиёратгоҳ (ба хотири безорӣ аз ҷиноёти Ҳорун) бо поҳои худ маҳкам ба қабри Ҳорун зада ва бар қабри шарифи имом Ризо (а) салом карда ва эҳтиром мениҳоданд.[1]

## Қарни чаҳордаҳум:

5. Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ (1350 ҳ.қ.):

Ӯ гунбад ва боргоҳи имом Ризо (а)-ро чунин васф мекунад:

Равзаи муъаллои он ҳазрат дар баладаи тайибаи Машҳади муқаддас ва зиёратгоҳи бузурги олами ислом ва дорои қуббаи муталлоӣ аст, ки мисл ва назираш дар ҷаҳон ёфт намешавад, зодаллоҳу шарафан.[2]

---

1. Ибни Батутаи Марокашӣ: «Туҳфатун нуззор фӣ ғароибил амсор» маъруф ба «Риҳла»-и ибни Батута, саҳ 401.
2. Қозӣ Беҳҷати Афандии шофеӣ: «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)» саҳ 158-159.

# Сухани поёнӣ

## Сухани поёнӣ

Дар бозхонии ин се фасл мебинем, ки:

Аввалан, таъкид ба зиёрати қабри имом Ризо (а) дар калимоти паёмбари аъзам (с) ва соири аҳли байт (а) нишони он аст, ки зиёрати қабри имом Ризо (а) натанҳо суннат буд, балки суннати муаккад ва муҳимме аст.

Сониян, таваҷҷуҳ ба ин суннати муҳим боис шудааст, ки қабри он ҳазрат (а) муҳатарам шумурда ва бар рӯи он аз ҳамон қарни саввум ва чаҳоруми ҳиҷрӣ гунбад ва боргоҳ сохта шавад. Аз ин рӯ иддаоҳои ваҳҳобиҳо мабнӣ бар ин ки сохти гунбад ва боргоҳ тавассути ҳукумати усмониҳо ва дар қуруни ахир роиҷ шудааст, иддаое беасос аст.

Солисан, инояти вижа ба ин суннати муҳим

сели хурӯшони уламо ва мардумро аз ҳар фирқае аз аҳли суннат барои зиёрати қабри он ҳазрат (а) ва тавассул ба эшон ва гиря ва зорӣ ва талаби ҳавоиҷ ва рафъи мушкилот аз ҳамон қарни саввум то ҳоли ҳозирро ба роҳ андохтааст.

Бо таваҷҷуҳ ба таъкиди паёмбар (с) ва аҳли байт (а) бар зиёрати қабри имом Ризо (а) ва сели хурӯшони уламо ва мардум ба вижа аҳли суннат аз тамомии фирақ ва мазоҳиби он дар зиёрати қабри имом Ризо (а) ва тавассул ба эшон барои рафъи гирифторӣ ва шифои мариз фатвои хунин ва такфирии ибни Таййимияи носибӣ тааммулбарангез аст:

Касе, ки ба зиёрати қабри паёмбар ё фарди солеҳе биравад ва аз ӯ талаби рафъи ҳоҷат кунад, ин кор се марҳила дорад: Яке аз мароҳили он ин аст, ки аз соҳиби қабр ин гуна талаб ва дархост кунад, ки маризии худаш ва ё ҳайвонашро бартараф кунад, қарзашро адо кунад, аз душманаш интиқом бигирад, офият ва

саломатӣ барои худаш, хонаводааш дархост кунад ва корҳое, ки фақат худованди мутаол қодир бар он астро талаб кунад, ин кор ширки сареҳ ва ошкор аст ва муртакибшавандаи он бояд тавба дода шавад ва дар ғайри ин сурат бояд кушта шавад. Ҳамчунин агар шахсе ба қабри паёмбар ё фарди солеҳе мутавассил шавад ва ӯро воситаи байни худ ва худо қарор диҳад, ин корҳо аз афъоли мушрикин ва насоро аст. [1]

Ин фатво пурсишҳои зиёдеро ба ҳамроҳ дорад: Аз ҷумла ин ки оё метавон Ибни Хазимаи шофеӣ, Ибни Ҳиббони шофеӣ, Ҳокими Нишобурии шофеӣ ва даҳҳо тан аз донишмандони баноми аҳли суннатро ба хотири ба зиёрати қабри имом Ризо (а) рафтан ва тавассул ба он ҳазрат (а) ва талаби рафъи гирифторӣ ва шифои маризӣ, мушрик ва маҳдуруд дам донист?!

---

1. Ибни Таййимия: «Зиёратул қубури ва валистинҷоди билмақбур», саҳ 17.

Оё метавон таъкиди паёмбар (с) ва аҳли байт (а) бар ба зиёрат рафтани қабри имом Ризо (а) ва дархости рафъи ҳавоиҷ аз эшонро таъкид бар ширк донист?!

Оё ин фатво ва соири фатвои хунини Ибни Тайййимия ва ваҳҳобият дар таҳрими зиёрат ва тавассул ва такфири муслимин ва тахриби атаботи олиёт ва амокини муқаддаса дар ростои эҷоди тафриқа ва ихтилоф байни уммати исломӣ, ки ҳадафи асосии душманони ислом мебошад, нест?

Албатта метавон посухи ин фатвои хунинро дар суханони ҷаҳонгард ва донишманди машҳури аҳли суннат Ибни Батутаи Марокашӣ ҷустуҷӯ кард вай дар бораи Ибни Тайййимия мегӯяд:

(Ибни Тайимия) Дар фунуни мухталиф сухан мегуфт, вале ақли ӯ солим набуд. [1]

---

1. Ибни Батутаи Марокашӣ: «Туҳафутун нуззор фӣ ғароибил амсор» маъруф ба «Риҳла»-и Ибни Батута, саҳ 112. Гуфтанист аввалин касоне, ки мутаваҷҷеҳи инҳироф ва афкори ботили Ибни

Бо ин васф пурсише, ки матраҳ мешавад ин аст, ки чаро фирқаи тафриқаангези ваҳҳобият ҳақоиқи таърихии ёдшударо нодида гирифтааст ва худро аз аҳли суннат дониста ва бо ин ном бо ақоиди мусаллам ва қатъии муслимин аз ҷумлаи бино бар қубур, зиёрати онхо тавассул ба соҳибони қубур, ба вижа, қабрҳои аҳли байти паёмбари акрам (с) ва солиҳон ва гиряву зорӣ назди онҳо ва талаби ҳавоиҷ ва рафъи мушкилот мухолифат мекунад ва бо ин тафаккуроти ботил байни муслимин тафриқа меандозад ва фатвои қатли муслиминро содир мекунад!?

Шояд посухи ин пурсиш дар борои

---

Таймия шудаанд, бузургон ва уламои аҳли суннат аз чаҳор фирқаи шофеӣ, ҳанбалӣ, моликӣ ва ҳанафӣ ҳастанд, ки ҷумлагӣ бо ибороте гуногун ба носибӣ будан, иртидод ва кофир будани Ибни Таййимия тасреҳ кардаанд. Барои огоҳӣ аз дидгоҳи аҳли суннат дар бораи Ибни Таййимия ниг ба: Зайнии Даҳлон: «Алфитнатул ваҳҳобия», «Аддурарус санийя фӣ раддил ваҳҳобия», Наҷмуддини Табасӣ: «Алваҳҳобия, даъово ва радуд», «Фирқае барои тафриқа», Ҳусайнии Қазвинӣ: «Ваҳҳобият аз дидгоҳи ақл ва шаръ».

пайравони Ибни Таййимияро низ бояд дар миёни осори донишмандони бузурги аҳли суннат аз ҷумла Ибни Батутаи Марокашӣ ҷустуҷӯ кард!

# Китобнома

Қурони карим

## Ҳанбалӣ

1. Ибни Раҷаби ҳанбалӣ: Зайнуддин Абулфараҷ Абдурраҳмон ибни Шаҳобуддин Аҳмад ибни Раҷаб (795 ҳ.қ.): «Аззайлу ало табақотил ҳанобила», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1417ҳ.қ.
2. Ибни Абияълои Ҳанбалӣ, Абуҳусейн Муҳаммад ибни Ҳусейн (526 ҳ.қ.): «Аттабақотул ҳанобила», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1417 ҳ.қ.

## Ҳанафӣ

3. Абдуқодири Қаршии ҳанафӣ, Абумуҳаммад Муҳйиддин Абдулқодир ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Насруллоҳ ибни Солим ибни Абилвафо (757 ҳ.қ.): «Алҷавоҳирул мазияти фӣ табақотил ҳанафия», чопи дуввум, Муассисатур рисола, Бейрут 1413 ҳ.қ.
4. Абдулқодири Тамимии Мисрии ҳанафӣ, Тақиюддин ибни Абдулқодир (1005ҳ.қ.): «Аттабақотус сания фӣ тароҷимил ҳанафия», чопи аввал, Дорур рифоъӣ, Риёз 1403 ҳ.қ.
5. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ, Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳон (927 ҳ.қ.): «Меҳмонномаи Бухоро», чопи дуввум, нашри Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, Теҳрон Бито.
6. Ибни Тағрии Бардии Атобакии ҳанафӣ, Ҷамолуддин Абумаҳосин Юсуф (874 ҳ.қ.): «Аннуҷумуз зоҳира фӣ мулуки

Миср вал Қоҳира», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут 1413 ҳ.қ.

7. Хунҷии Исфаҳонии ҳанафӣ, Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳон (927 ҳ.қ.): «Василатул ходим илал махдум дар шарҳи салавоти чаҳордаҳ маъсум (а)» чопи аввал, интишороти «Ансориён», Қум 1375 ҳ.қ.
8. Қундузии ҳанафӣ, Сулаймон ибни Иброҳим (1294 ҳ.қ.): Янобеъул маваддати лизилқурбо (а)», чопи дуввум, Дорул Усва, Қум, 1422 ҳ.қ.

## Шофеӣ

9. Самъонии Тамимии шофеӣ, Абусаъд Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансур (562 ҳ.қ.): «Алансоб», чопи аввал, Дорул кутубил илмия.
10. Хондамири Ҳусайнии шофеӣ, Ғиёсуддин ибни Ҳумомиддин (903 ҳ.қ.): «Таърихи Ҳабибуссияр фӣ ахбори афроди башар», чопи аввал, интишороти китобфурӯшии

Хайём, Теҳрон 1353 ҳ.ш.

11. Мирхонди шофеӣ, Мирмуҳаммад ибни Сайидбурҳонуддини Хондшоҳ (903 ҳ.қ.): «Таъризи равзатус сафо», интишороти китобфурӯшии Марказӣ, Теҳрон 1339 ҳ.қ.
12. Афандии шофеӣ, Қозӣ Беҳҷат (1350 ҳ.қ.): «Ташреҳ ва муҳокима дар таърихи оли Муҳаммад (с)», мутарҷим Мирзо Маҳдии Адиб, чопи дуввум, маркази чоп ва нашри «Бунёди баъсат», 1376 ҳ.ш., Теҳрон.
13. Ибни Ҳаҷари Асқалонии шофеӣ, Аҳмад ибни Алӣ (852 ҳ.қ.): «Таҳзибут таҳзиб», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1404 ҳ.қ.
14. Заҳабии шофеӣ, Шамсуддин (748 ҳ.қ.): «Сайру аъломин нубало», чопи 11, Муассисатур Рисола, Бейрут 1418 ҳ.қ.
15. Ибни Қозӣ Шаҳбаи шофеӣ, Абубакр ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Умар

ибни Муҳаммад Димишқӣ (851 ҳ.қ.): «Табақотуш шофеия», Дорун нудватил ҷадида, Бейрут, 1407 ҳ.қ.

16. Ибни Касири Димишқии шофеӣ, Исмоил ибни Умар (776 ҳ.қ.): «Табақотуш шофеия», чопи аввал, Дорул мадорикил исломӣ, Бейрут, Бито.
17. Ибни Ҳидоятуллоҳи Ҳусайнии шофеӣ, Абубакр (1014 ҳ.қ.): «Табақотуш шофеия», чопи дуввум, Дорул офоқул ҷадида, Бейрут 1979 ҳ.қ.
18. Иснавии шофеӣ, Ҷамолуддин Абдурраҳим (772 ҳ.қ.): «Табақотуш шофеия», чопи аввал, Дорул кутубил илмия, Бейрут, 1407 ҳ.қ.
19. Субкии шофеӣ, Тоҷуддин Абунаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдулкофӣ (771 ҳ.қ.): «Табақотуш шофеиятил кубро», Дору эҳёили кутубил арабия, Бейрут, Бито.
20. Ибни Салоҳи шофеӣ, Тақиюуддин

Абуамр Усмон ибни Абдурраҳмониш Шаҳрзурӣ (643 ҳ.қ.): «Табақотул фуқаҳоиш шофеия битартиби ва мустадрикоти Муҳийддин Абузакариё Яҳё ибни Шарафи Нававии шофеӣ (646 ҳ.қ.) ва танқеҳи Юсуф ибни Абдурраҳмони Мазии шофеӣ (742 ҳ.қ.), чопи аввал, Дорул Башоирил исломия, Бейрут 1413 ҳ.қ.

21. Шеъронии шофеӣ, Абулмавоҳиб Абдулваҳҳоб ибни Алийил Ансорӣ (973 ҳ.қ.): «Аттабоқотул куброал мисмота билвақоеҳил анвор фӣ табақотил ахёр», Дорул фикр, Бейрут, Бито.

22. Ҷувайнии шофеӣ, Шайхулислом Иброҳим ибни Муҳаммад (722 ҳ.қ.): «Фароидус самтин фӣ фазоилил Муртазо вал Батул вассибтин вал аиммату мин зурриятиҳим (а)», чопи аввал, муассиатул Маҳмудӣ, Бейрут 1400 ҳ.қ.

23. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ,

Абуҳотам Муҳаммад ибни Ҳиббон ибни Аҳмад (354 ҳ.қ.): «Китобус сиқот», чопи аввал, Дорул фикр, Бейрут, 1393 ҳ.қ.
24. Ибни Ҳиббони Бустии шофеӣ, Абуҳотам Муҳаммад ибни Ҳиббон ибни Аҳмад (354 ҳ.қ.): «Китобул маҷруҳин», Дорул маърифа», Бейрут, 1412 ҳ.қ.

## Соир[1]

25. Башшории Мақдасӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибнул Бано (380 ҳ.қ.): «Аҳсанут тақосим фӣ маърифатил ақолим», Дору эҳёут туросил арабӣ, Бейрут 1408 ҳ.қ.
26. Ибни Батутаи Марокашӣ, Муҳаммад ибни Батута (779 ҳ.қ.): «Туҳфатуннузор фӣ ғароибил амсор» маъруф ба «Риҳла»-и Ибни Батута, Дорул кутубил илмия, Бейрут, Бито.

1. Мақсуд аз соир, касоне ҳастанд, ки аз аҳли суннат буда, вале мазҳаби онҳо эҳроз нашудааст.

27. Атоуллоҳи Шерозӣ: «Равзатул аҳбоб», нусхаи хаттӣ, китобхонаи оятуллоҳул узмо Маръашии Наҷафӣ, Эрон.
28. Муҳаллабӣ, Ҳасан ибни Аҳмад (380 ҳ.қ.): «Китобул азизӣ» ё «Алмасолик вал мамолик», тасҳеҳ ва таълиқи Тайсир Халаф, чопи аввал, нашри «Аттаквин», Димишқ, 2006 милодӣ.
29. Ёқути Ҳамавӣ, Абуабдуллоҳ Шаҳобуддин Ёқут ибни Абдуллоҳи Румии Бағдодӣ (626 ҳ.қ.): «Муъҷамул булдон», Дору эҳёу туросил арабӣ, Бейрут 1399 ҳ.қ.
30. Ибни Таййимияи Ҳаронии Носибӣ, Аҳмад ибни Абдулҳалим (728 ҳ.қ.): «Зиёратул қубур вал истинҷоду бил мақбур», чопи панҷум, ношир: Риосатул оммати лилбуҳусил илмияти вал ифто, Риёз, 1426 ҳ.қ.